# ТАҚРИЗИ

**муқаррizi расмӣ ба рисолаи диссертатсионии Мамадҷонова Муҳаббат Дадоҷоновна дар мавзуи “Нақши ниҳоди оила дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар даврони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ).**

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқ.** Муҳиммияти мавзуъ дар рисолаи диссертатсионӣ ба таври муфассал шарҳу возеҳ ёфтааст. Агар дар замони истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳои соҳавӣ, стратегия, консепсия ва барномаҳои дарозмуҳлати давлатӣ доир ба баланд бардоштани маърифати оиладорӣ, мустаҳкам намудани пояҳои ниҳоди оила, пешгирии низоъ ва ҷудошавӣ дар оила таҳия ва мавриди амал қарор дода шуда бошанд ҳам, мавзуи барои таҳқиқ интихобнамудаи унвонҷӯ Мамадҷонова Муҳаббат ба нақши ниҳоди оила дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар даврони муосир бахшида шуда зарурати ҷустуҷӯ, муайян намудани сабабу омилҳо, дарёфти равиш ва усулҳои нави муассир ба маърифат ва шуури мардум, махсусан, ҷавононро муҳим месозад. Маҳз баррасии масоили мазкур ва мавзуъҳои ба ҳамин самт алоқаманд, ки аз ҷониби олимону муҳаққиқон ва донишмандони мамлакат дар замони истиқлол анҷом ёфта истодаанд, аз татбиқи ҳадафмандонаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар дар ин самт ба ҳисоб мераванд.

Муҳаққиқ дуруст таъкид кардааст, ки солимии ҷисмонӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии насли наврасу ҷавонон солимии тамоми миллат аст. Аз ин рӯ, омӯзиши ниҳоди оила, мавқеъ ва нақши он дар ҳаёти шахс ва ҷомеа дар даврони муосир бо сабабҳои зерин муҳим мегардад: таърихи рушди инсоният нишон медиҳад, ки то ҳол ягон ҷомеа бе оила ҳамчун

танзимгари тартиботи мушаххаси иҷтимоии ҷомеа амал карда наметавонист ва наметавонад; оила ягона ниҳоди иҷтимоии беназир дар “такрористеҳсолкунӣ” ва тарбияи инсон буда, ҳамчун интиқолдиҳандаи иттилооти иҷтимоӣ, фарҳангӣ, этникӣ баромад мекунад ва дар оянда низ бо вуҷуди тағйироти куллӣ ин вазифаҳои худро аз даст намедиҳад; ба монанди оила ягон ниҳоди дигари ҷамъиятӣ, давлатӣ, иҷтимоӣ имрӯз масъалаи танҳоии равонии одами муосирро пурра ҳал карда наметавонад.

Яъне унвонҷӯ дар таҳқиқи хеш ташаккул ва рушди андешаҳои моҳияти миллӣ доштаро ҳамчун нуктаи муҳим ва асосии кори худ қарор додааст. Муаллиф таҳқиқи мавзуи мазкурро вазифаи амалӣ ва ҳаётан муҳим барои ҷомеаи тоҷик маҳсуб дониста, баррасии амиқи илмӣ ва иҷтимоӣ-фалсафии ниҳоди оиларо дар замони муосир ва нақши онро дар ташаккулу рушди арзишҳои иҷтимоӣ тақозои замон меҳисобад.

Аз ҷониби дигар, мавзуи таҳқиқнамудаи Мамадҷонова Муҳаббат то ҳол дар илми ватанӣ ба қадри зарурӣ ҳамчун предмети таҳқиқи иҷтимоӣ-фалсафӣ қарор нагирифтааст ва масъалаи мубрам, саривақтиву арзишманд дар илми фалсафа боқӣ мемонад. Диссертант аҳамияти махсуси назариявию амалӣ ва зарурат доштани масъалаи мазкурро ба хубӣ дарк ва таҳқиқ намуда, баробари муйян намудани сарчашмаҳо, объект, мақсад ва муаммову ихтилофоти муҳимми мавзуъро ба нақша гирифтааст ва дар ҳаллу фасли онҳо низ ба қадри имкон комёб гаштааст. Дар натиҷа, андешаву ақиаҳоро дар ин самт дар қолаби талабот ва меъёри диссертатсия барои дифоъ манзур сохтааст.

**Дараҷаи асоснок ва саҳеҳ будани натиҷаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.**

Адабиёти илмие, ки дар қисматии дараҷаи омӯзиши мавзуъ таҳлил ва муқоиса шудааст, ба кори таҳқиқотӣ алоқаманд ва робитаи зич доранд. Ҳамзамон, вазифаҳои таҳқиқот ба мақсади пешбинишуда

мувофиқат намуда, дар тартиби ҷобаҷогузорӣ якдигарро мукаммал менамоянд, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок мебошанд.

Ҷоиз ба тазаккур аст, ки **асосҳои назариявию методологии таҳқиқотро** хусусияти хосси мавзуи илмӣ, предмет, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия ташкил дода, тақозо менамояд, ки нисбати таҳқиқи ин масъала равиши байниилмӣ, ки асосашро шакл ва усулҳои назариявии дараҷаҳои маърифат ташкил медиҳанд, истифода карда шаванд. Инчунин, дар таҳқиқот таҳлили бонизом, усулҳои таҳлил ва таҷрид, таҳлили муқоисавӣ, умумиятдиҳӣ, принсипи таърихият, методи диалектикӣ, равишҳои институтсионалӣ ва синергетикӣ истифода шудаанд. Ба сифати асоси методологии таҳқиқот ғояҳо ва хулосаҳои файласуфони ватанию хориҷӣ, сиёсатшиносон ва ҷомеашиносон оид ба ниҳоди оила ва вазифаҳои он истифода шудаанд.

Сарчашма ва заминаи амалии таҳқиқотро асарҳои олимону муҳаққиқон, файласуфон, сиёсатшиносони ватаниву хориҷӣ, маълумотҳои омориву тадқиқотҳои сотсиологӣ, идоравӣ, фармонҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавии муҳаққиқони Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил додаанд.

**Саҳеҳият ва навгонии илмии таҳқиқот.** Доир ба тозагиҳои таҳқиқ, натиҷаҳои таъйидшуда ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ҳаминро гуфтан зарур аст, ки муаллиф фарзияи таҳқиқотро саҳеҳ муайян намуда, бори аввал кӯшиш намудааст, ки заминаҳо ва омилҳоеро, ки садди роҳи рушди ниҳоди оила дар Тоҷикистон мегарданд, мавриди таҳлили илмӣ қарор дода, таъсири манфии онҳо ба сохтори иҷтимоии ҷомеаро нишон диҳад. Инчунин, дар диссертатсия дурнамо, хатар ва таҳдидҳои мавҷуда дар ростои ниҳоди оила ва роҳҳои маҳдуд намудани он дар шароити Тоҷикистони муосир аз нигоҳи илмӣ муайян карда шаванд.

**Навгонии таҳқиқот** бо он асоснок мегардад, ки фаҳмиши муаллифии ниҳоди оила коркард ва пешниҳод шудааст, ки тибқи он оила яке аз навъҳои танзими самарабахши иҷтимоӣ, нишондиҳандаи устуворӣ ва пойдории низоми муносибатҳои муосири иҷтимоӣ, асоси ягонагии иҷтимоии ҷомеа муайян гардидааст. Ҳамзамон, дар таҳқиқот:

– хусусияти дугонаи танзими иҷтимоии оила - институтсионалӣ ва ғайриинститутсионалӣ муқаррар шудааст, ки тибқи онҳо дар ҳар як организми мушаххаси иҷтимоӣ иерархияи арзишҳои оилавӣ ва арзишҳои худи оила ва ҷомеа ба вуҷуд меоянд;

– хусусиятҳои дигаргуншавии оила ҳамчун арзиши иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ муайян карда шудааст, ки дар натиҷаи алоқамандӣ бо тафаккури суннатӣ, хусусияти зиддиятноки арзишҳои нав, ки мазмуни онҳо ҳамчун маҳсули эклектикии номутобиқатии дохилии тамоюлҳои барқароркунӣ, навсозӣ ва устувории оила дар шароити ҷаҳоншавии олам ташаккул меёбад, ба вуҷуд меоянд.

Дар асоси ин ақидаҳо нуктаҳо ба ҳимоя пешниҳод шуда, муаллифи диссертатсия хулосаву тавсияҳои методӣ коркард ва манзур намудааст, ки гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки диссертант ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузоштташударо ҳаллу фасл кардааст.

Мазмун, муҳтаво, таҳлилу баррасии масъала аз маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ, натиҷаи тадқиқотҳои сотсиологӣ, хулосаву тавсияҳои пешниҳодшуда дар маҷмуъ дастовардҳои илмии рисола ва тозагӣ ё худ навгонии илмии таҳқиқотро тасдиқ мекунанд.

Муаллифи диссертатсия бо дарки масъала ва таҳлили мавзуъ исбот кардааст, ки оила гурӯҳи одамон ва ниҳоди иҷтимоӣ аст, ки дар асоси никоҳ ва алоқаҳои хешутаборӣ, ба таври озоду ихтиёрӣ ташкил шуда, баробарҳуқуқии аъзои худро нигоҳ медорад, хоҷагидории умумиро ба роҳ мемонад, муҳимтарин ҷузъи ҷамъияту давлат мебошад ва таҳти ҳимояти онҳо қарор дошта, аъзои худро тарбия мекунад ва арзишҳоро аз

як насл ба насли дигар интиқол медиҳад.

Муаллифи рисолаи диссертатсионӣ ба чунин натиҷа расидааст, ки ҳадафҳои сиёсати оилавӣ бояд ба ҳалли вазифаҳои зерин равона карда шаванд: баланд бардоштани нуфузи ниҳоди оила ва арзишҳои оилавӣ дар шуури омма; ба эътидол овардани институти никоҳ ва оила; муҳайё намудани шароити иҷтимоию равонӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ барои бомуваффақият аз тарафи ниҳоди оила иҷро намудани ҳамаи вазифаҳое, ки шахсият ва ҷомеа дар маҷмуъ ба он ниёз доранд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳо бо ҷанбаъҳои назариявии таҳқиқот, бо матлабу иқтибосҳои сарчашмавӣ ва баррасии андешаҳои фалсафиву иҷтимоӣ асоснок гардида, дар таҳқиқот барои омӯзиши минбаъдаи проблемаи муҳими иҷтимоии ҷомеаи муосири тоҷик, яъне ташаккул ва нигаҳдории арзишҳои иҷтимоӣ дар оилаи муосири тоҷикистонӣ тавсияҳо ва хулосаҳои арзишманди илмӣ манзур шудааст.

Муаллифи диссертатсия аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқоти хешро дар диссертатсия ва фишурдаи он аз рӯи методологияи илмӣ хуб дастабандӣ намуда, дар ниҳоят бо пешниҳоди тавсияҳои пурарзиш мавқеъ ва ҷойгоҳи истифодаи онҳоро баён сохтааст. Аз ҷумла, муаллиф таъкид мекунад, ки "Дар таҳти мафҳуми арзишҳои оилавӣ чунин арзишҳои иҷтимоӣ фаҳмида мешаванд, ки ба оила ворид шуда, дар он ҳаёт ва мазмуни нав пайдо мекунанд. Маҳз чунин арзишҳо, яъне арзишҳои иҷтимоӣ ва оилавӣ, дар қатори дигар арзишҳои мавҷуда ва ташаккулёбанда, ба асосҳои аксиологии рушди ҷомеаи муосир дар Тоҷикистон таъсир мерасонанд" (с. 65). Маҷмуан, диссертант ба он андеша аст, ки пойдорӣ ва устувории оиларо имрӯз низ чун дар гузашта муҳаббати самимӣ ташкил медиҳад. Агар дар оила муҳаббат бошад, зану шавҳар ба хотири он аз баъзе талаботҳои худ гузашт карда, ҳамдигарро

ба хубӣ дарк мекунанд ва мушкилоти дар оила ба вуҷуд омадаро ба осонӣ ҳал менамоянд.

Дар воқеъ, баназаргирии хулосаҳои назариявӣ ва натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ дар диссертатсия дар таҷдид ва тавсеаи масъалаҳои марбут ба оила, оилаҳои ҷавон, пешгирии никоҳи хешутаборӣ дар таълиму тарбияи фарзандон ва дигар санаду ҳуҷҷатҳо аз манфиат холӣ нест.

Аз мақолаҳои илмии нашргардидаи муаллифи рисола ба чунин хулоса расидан мумкин аст, ки М.Мамадҷонова дар роҳи илм собитқадам буда, соҳиби истиқлоли фикрӣ ё худ дорандаи махсусиятҳои муҳаққиқи муосир мебошад, зеро муаллиф вобаста ба мавзуи таҳқиқот 5 мақолаи илмиро дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст, ки ҳамаи онҳо замина ва пояи мустаҳками илмӣ доранд.

Нашр шудани мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конфронсҳои гуногунсатҳ аз як ҷониб аз **саҳми шахсии муаллиф** дар таҳқиқи мавзуи мавриди назар ва аз апробатсия гузаштани нуктаҳои ҳимояшаванда далолат диҳанд, аз ҷониби дигар гувоҳи он мебошанд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқот иштироки бевосита доштааст.

Таҳқиқи рисолаи диссертатсионии Мамадҷонова Муҳаббат аз муқаддима, ду боб, 6 фасл, бахши хулосаҳо бо зербахши тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, феҳристи адабиёти истифодашуда ва интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия иборат буда, дар қолаби диссертатсия, дар ҳаҷми 192 саҳифаи компютерии матни аслӣ дарҷ ёфта, рӯйхати адабиёти истифодашуда 203 номгӯйро дар бар мегирад.

**Тавсифи умумии рисолаи диссертатсионӣ.**

Дар **муқаддима** зарурат, аҳамияти илмию амалии таҳқиқот, мақсаду вазифаҳо, объект, предмет ва мавзуи таҳқиқот муайян карда шудаанд, фарзия ба таври дақиқ ва мухтасар ифода карда шудааст, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, методҳои таҳқиқот нишон дода шудаанд, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада инъикос гардидаанд, масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда баён гардидаанд, тасвиб ва татбиқи амалии натиҷаҳои тадқиқот оварда шудаанд.

**Боби якуми диссертатсия** таҳти унвони "Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқи иҷтимоӣ-фалсафии ниҳоди оила ва арзишҳои иҷтимоӣ" дар доираи се фасл - мафҳум, моҳият ва нақши ниҳоди оила дар гузашта ва дар ҷомеаи муосир, арзишҳои иҷтимоӣ, оилавӣ ва таъсири онҳо ба асосҳои аксиологии рушди ҷомеаи муосир ва мавқеи ниҳоди оила дар бунёд, ҳифз, такрористеҳсолкунӣ ва рушди арзишҳои иҷтимоиро фаро гирифтааст.

Аз таҳлилу баррасии муаллиф дар ин боб чунин мушоҳида мешавад, ки дар таърихи инсоният оила аз куҳантарин шаклҳои умумияти инсонӣ маҳсуб ёфта, то имрӯз моҳият ва нақши он дар ҳаёти ҷамъиятӣ аз ҷониби олимони соҳаҳои гуногуни илмҳои фалсафа, ҳуқуқ, сиёсат, демография, равоншиносӣ, фарҳангшиносӣ, ҷомеашиносӣ, педагогика ва ғайра мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифтааст. Вале муаллиф бо овардани мисолҳо ва санадҳои таърихӣ собит намудааст, ки оила ҳам дар асоси никоҳ ва ҳам муносибатҳои хунӣ пайдо мешавад, ки ин қобили пазириш аст. Мафҳуми оиларо диссертант ба таври муфассалтар чунин таъриф медиҳад: оила гурӯҳи одамон ва ниҳоди иҷтимоӣ аст, ки дар асоси никоҳ ва алоқаҳои хешутаборӣ, ба таври озоду ихтиёрӣ ташкил шуда, баробарҳуқуқии аъзои худро нигоҳ медорад, хоҷагидории умумиро ба роҳ мемонад, муҳимтарин ҷузъи ҷамъияту давлат мебошад ва таҳти

ҳимояти онҳо қарор дошта, аъзои худро тарбия мекунад ва арзишҳоро аз як насл ба насли дигар интиқол медиҳад.

Ҷои таъкид аст, ки муаллифи диссертатсия дар асоси хулосаҳои хеш таҳқиқи масъалаи омӯзиш ва муайян намудани ҷойгоҳи ин масъала, яъне дар чунин шакл пешниҳод намудани таърифи ниҳоди оиларо то ҳанӯз комил намеҳисобад, вале он имкон медиҳад, ки на танҳо мафҳум, моҳият ва нақши он дар гузашта ва дар ҷомеаи муосир каме муфассалтар фаро гирифта шаванд, балки барои муайян намудани таъсири оила ба рушди ҷомеа низ каме равшанӣ андохта шавад.

**Боби дуюми диссертатсия “Тағйирёбии вазифаҳои ташаккул ва нигоҳдории арзишҳои иҷтимоӣ дар оилаи муосири тоҷикистонӣ”** унвон дошта, дар қолаби се фасл масъалаҳои ниҳоди оилаи тоҷикистонӣ дар даврони муосир ва дар шароити ҷомеаи ҷаҳонии тағйирёбанда, таъсири муносибатҳои нави иқтисодӣ ба моҳият ва сохтори муносибатҳои оилавӣ ва арзишҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистони муосир, арзишҳои нави иҷтимоӣ, оилавӣ ва шаклҳои ҳозиразамони ташкили оила ва никоҳ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ аз мавзуъҳои меҳварии ин боб маҳсуб меёбанд.

Хулосаи таҳқиқот бо ироаи матолиби зарурӣ, дар 6 банди муайян натиҷагирӣ шуда, анҷом ёфтани таҳқиқ аз рӯйи мавзӯи мазкурро собит месозанд.

Рӯйхати адабиёти истифодакардаи муаллиф низ ҷолиби назар мебошад, ки он аз 203 номгӯ иборат буда, сарчашмаҳои аслӣ, манбаъҳои таҳқиқӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқиро фаро гирифтааст.

**Мутобиқат ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Мамадҷонова Муҳаббат Дадоҷоновна дар мавзуи “Нақши ниҳоди оила дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар даврони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)” ба шиносномаи ихтисоси илмии 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ) мутобиқат мекунад.

Дар баробари дастовардҳои назарраси илмиву амалӣ дар диссертатсия баъзе норасоиҳои ҷузъӣ низ ҷой доранд, ки зикри бархе аз онҳо ба ҳукми пешниҳод мувофиқи мақсад аст:

1. Дар диссертатсия аз асарҳои арзишманд ва гуфторҳои классикон - мутафаккирони тоҷику форс иқтибосҳои кам оварда шудаанд. Хуб мешуд, агар диссертант андешаҳои гаронбаҳои онҳоро низ мавриди омӯзиш қарор дода, ба риштаи таҳқиқ мекашид.

2. Мувофиқи мақсад мебуд, ки диссертант ба ғайр асари “Кимиёи саодат”-и Муҳаммад Ғаззолӣ асари дигари ӯ - “Айййуҳа-л-валад”-ро низ, ки матлабҳои марбут ба арзиши оиладориро дорад, мавриди истифода ва муқоисаву таҳлил қарор медод.

3. Дар рӯйхати адабиёт дар диссертатсия баъзе камбудиҳо дар мисоли нишон дода нашудани саҳифаҳои умумии якчанд асари истифодашуда ва камбудиҳои техникӣ ҷой доранд, киислоҳи онҳо ба салоҳи кори диссертант мебошад.

Эродҳои мазкур хислати тавсиявӣ доранд ва ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

**Хулосаи ниҳоӣ:** Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки диссертатсияи Мамадҷонова Муҳаббат Дадоҷоновна дар мавзуи “Нақши ниҳоди оила дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар даврони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)” ба шиносномаи ихтисоси илмии 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ) мутобиқат намуда, кори мустақилона ва комили илмӣ-таҳқиқотии баанҷомрасонида мебошад. Диссертант нақшаҳои таҳқиқии матраҳкардаашро ба пуррагӣ амалӣ намуда, ба ҳадафҳои илмии таҳқиқот ноил гардидааст.

Диссертатсия мувофиқи талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва ба Шурои ҳимоя пешниҳод шудааст.

Аз ин рӯ, муаллифи рисолаи диссертатсионӣ Мамадҷонова Муҳаббат Дадоҷоновна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори фалсафа (PhD), муаллими калони
кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи
иҷтимоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Саидзода Д.М.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел: (+992) 987336608
E-mail: saidzoda.d@mail.ru

Имзои доктори фалсафа (PhD) Д.М.Саидзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тақвиев Э.Ш.

12.02.2024

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел: (+992-37) 221-62-25
E-mail: info@tnu.tj
Сомона: https://tnu.tj